# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2025. – 167 с.**

Публитсистикаи тоҷик таърихи садсола дошта бошад ҳам, таърихи таҳқиқи нисбатан мушаххасу мукаммали он аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳуми асри гузашта бо таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик оғоз мешавад. Асадулло Саъдуллоев яке аз муваффақтарин муҳаққиқони публитсистикаи тоҷик ба шумор меравад, ки унсурҳои публитсистиро дар адабиёти муосири тоҷик таҳлил намуда, ҳамаи ҷанбаҳои вобаста ба онро омӯхтаву мактаби таҳқиқи публитсистикаро васеъ кардааст. Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқ фаъолияти серсоҳа дошта, дар самти адабиёт, журналистика ва публитсистика таҳқиқоти муҳимму арзишманде ба анҷом расонидааст. Омӯзиши фаъолияти сершохаи Асадулло Саъдуллоев имкон медиҳад, ки аз чанд дидгоҳ ба публитсистикаи муосири тоҷик назар афканем. Чун номбурда ҳам муҳаққиқ ва ҳам бевосита публитсист буд, таҳқиқи назарияву амалияи А. Саъдуллоев нозукиҳои услуби публитсистиро бароямон ифшо мекунад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи васеи илмии публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев мубраму зарур ҳисобида шуда, диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро бозгӯ менамояд.

Агар ба таҳқиқи олимони соҳа назар афканем, маълум мегардад, ки то ин замон зиндагинома ва фаъолияти сершохаи Асадулло Саъдуллоев, ки дар рушди публитсистика ва журналистикаи муосир таъсири зиёд расонида метавонад, мавриди омӯзиши пурра қарор нагирифтааст. Дар ин асос метавон гуфт, ки таҳқиқи ин масъалаҳо **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад. Диссертант барҳақ қайд намудааст, ки «Зиндагиномаи профессор Асадулло Саъдуллоевро таҳияву таҳқиқ намудан чандон мураккаб ва дар баъзе мавридҳо саҳл низ нест. Зеро мавсуф дар баробари рӯзноманигору омӯзгору муҳаққиқ будан публитсисте низ ҳаст, ки дар домани воқеият марҳилаҳои тайкардаи ҳаётиашро нишон додааст. Возеҳ аст, ки фаъолияти ҳар як адибу муҳаққиқу эҷодкор, пеш аз ҳама, дар мероси хаттии ӯ ифода мегардад. Таърихи адабиёт ва журналистикаву публитсистикаи тоҷик донишмандони бузургеро ёд дорад, ки марҳилаи асосии зиндагии онҳо дар асарҳояшон ифода ёфтааст... Чунин махсусиятро дар осори профессор А. Саъдуллоев низ мушоҳида намудан мумкин аст ва ба зиндагиномаи ӯ дар асоси асарҳои алоҳида, мақолаву нигоришҳо, очерку эссеҳо шинос гардидан имконпазир мебошад» [диссертатсия, с. 15-16].

Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба чанд банде, ки ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ равона гардидаанд, рабт дошта, ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии шиносномаи ихтисоси илмӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Навгонии илмии диссертатсияи** Сироҷзода Нигина Раҷаб дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ ҳаёт ва фаъолияти илмиву эҷодӣ ва публитсистии Асадулло Саъдуллоев баррасӣ гардида, ҳамчунин, ба масоили ташаккул ва таҳаввули публитсистикаи замони муосир таваҷҷуҳи хосса зоҳир шудааст. Дар рисолаи мавриди назар мавқеи профессор А. Саъдуллоев дар таҳқиқи насри мустанад, масъалаҳои назариявӣ дар публитсистика, проблемаҳову муаммоҳои жанрӣ, сабку забону услуб, мундариҷаву мавзуъ ва паҳлуҳои дигар нишон дода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешаванд, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони соҳаи журналистикаву публитсистика ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои адабӣ ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод барорад.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки натиҷаи таҳқиқи мавзуъ ва хулосаҳои мантиқии ба вуҷудомада метавонад ба рушди соҳаи публитсистика мусоидат намуда, самтҳои нави соҳаро ба вуҷуд биёрад. Диссертант фаъолияти гуногунҷанбаи Асадулло Саъдуллоевро таҳқиқу мушаххас намуда, иртибот ва таъсири публитсистикаро ба журналистика нишон додааст. Ҳамчунин, мавқеи диссертант дар мавриди публитсистикаиносӣ устувор буда, онро ҳамчун як шохаи мустақили илми адабиётшиносӣ ва журналистика шуморидаву собит менамояд.

Сироҷзода Нигина барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 8 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳоро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи фаъолияти сершохаи Асадулло Саъдуллоев аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии

натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст..

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Назаре ба ҳаёт ва зиндагиномаи профессор А. Саъдуллоев»** аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби якум, ки **«Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев »** ном гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмӣ, тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедию адабӣ маълумоти мушаххас оварда шуда, замони тавлид, таҳсил, оғози фаъолияти эҷодиву илмии Асадулло Саъдуллоев баррасӣ шудааст. Фаъолияти А. Саъдуллоев серпаҳлӯ буда, дар **фасли дуюми боби аввал “Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев”** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Асадулло Саъдуллоев, ки дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳои таҳлилӣ, очерку лавҳаҳо, эссеву тақризҳои зиёде нашр менамуд, дар охирин солҳои ҳаёти худ маҷмуи эссеву репортажҳои худро мураттабу бо номи «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» ба нашр расонидааст. Ҳамаи ин маводи рӯзномаҳо ва дигар осори публитсистии А. Саъдуллоев аз назари муҳаққиқи дур намондаанд. Аз муҳтавои ин фасл маълум мешавад, ки А. Саъдуллоев журналисти пурмаҳсул буда, дар қолаби жанрҳои гуногун маводи зиёде чоп намудааст, ки дорои усулу сабки хосса мебошанд.

**“Фаъолияти омӯзгорӣ”**-и Асадулло Саъдуллоев муҳтавои асосии **фасли сеюми боби аввалро** ташкил медиҳад. Асадулло Саъдуллоев дар баробари кор дар расонаҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ низ машғул шуда, аз соли 1970 то охири умр ин пешаро тарк накардааст. Муаллифи диссертатсия муайян мекунад, ки “таҳқиқ ва таълим дар фаъолияти ӯ тавъам буд ва он чизеро таҳқиқ кардааст, ки он минбаъд ба китобу дастурҳои таълимӣ табдил ёфтааст. Шогирдонро тарбия карда метавонист ва ҳамин аст, ки бо садоқату самимият пешаи омӯзгориро тарк накардааст” [диссертатсия, с. 46].

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Таҳқиқи публитсистикаи муосир дар осори А. Саъдуллоев»** унвон дорад, аз се фасл иборат аст. Дар фасли якум **«Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири тоҷик»** баррасӣ гардида, дар таҳқиқи публитсистикаи муосири тоҷик нақши профессор А. Саъдуллоев низ хеле густурдаву амиқу назаррас мебошад.

Дар фасли дуюм «**Проблемаҳои рушди публитсистикаи тоҷик**» таҳқиқ мешаванд. Дар ин фасли диссертатсия муҳаққиқ ба публитсистикаи тоҷик дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ намуда, ба масъалаи рушди соҳа

ва камбудиҳои мавҷуда низ эътибор дода, бо далелҳои мушаххас фикрҳои худро қувват бахшидааст.

Сироҷзода Нигина чунин андеша дорад, ки "ҷой надоштани завқ, бидуни самимияту садоқат муносибат кардани адибон, намо додани сурати воқеа, шарҳу таҳлилҳои ноқис, фаъолмандии заифи иҷтимоӣ, тасвирҳои нокомили бадеӣ, ҷой надоштани саҳнаҳои воқеии рӯзгор, кам омӯхта шудани мавзуъ, маҳдудияти афкори мантиқӣ, ҷаҳонбиниҳои маҳдуд, маърифати ночиз, мутолиаи кам ва амсоли ин аз ҷузъиёти манфиест, ки дар публитсистикаи имрӯзаи мо мушоҳида мешавад" [диссертатсия с. 81-82].

Диссертант дар фасли сеюми боби мазкур, ки **«А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода»** унвон дорад, ба таҳлилу баррасии маҳорати таҳқиқгарии Садуллоев Асадулло рӯ овардааст. Чун профессор А. Саъдуллоев дар мавзуи «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода» кори номзадии худро анҷом дода, шогирдонашро низ бештар дар ҳамин самт роҳнамоӣ намудааст, аз ин сабаб диссертант ба ин паҳлӯ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

**Боби сеюм – «Мактаби илмии А. Саъдуллоев»** аз се фасл иборат аст. **Дар фасли якуми боби сеюм «Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев»** мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Чун фаъолияти Асадулло Саъдуллоев сершоха ва гуногунпаҳлӯ буд, муҳаққиқ ҳар паҳлӯи фаъолияти А. Саъдуллоевро дар фаслҳои алоҳида омӯхтааст. Дар ин фасл ба мактаби илмии Саъдуллоев дар самти публитсистикашиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Муҳаққиқ корҳои диссертатсионие, ки зери роҳбарии А. Саъдуллоев анҷом ёфтаанд, таҳқиқу таҳлил намуда, аз натиҷаи таҳқиқи онҳо хулосабарорӣ менамояд. Маълум менамояд, ки бо вуҷуди самти ягона будани таҳқиқи шогирдон ҳар кадом мазуъ вижагӣ ва шохаи муайяни илми публитсистика буда, дар рушди соҳа корҳои мондагоре анҷом додаанд.

**Фасли дуюми боби сеюм**, ки **«Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика»** номгузорӣ шудааст, дар он ба мактаби илмии профессор А. Саъдуллоев дар самти журналистика таваҷҷуҳ гардидааст. Муҳаққиқ Н. Сироҷзода нишонаи хоси мактаби илмии профессор А. Саъдуллоевро дар он мебинад, ки 12 нафар дастпарварони ӯ дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон машғули фаъолияти илмию таълимӣ мебошанд.

**Фасли сеюми боби сеюм «Таснифоти мухтасари осор»** унвон гирифтааст. Бояд зикр намуд, ки профессор А. Саъдуллоев дар маҷмуъ муаллифи беш аз 50 асари публитситиву илмиву таълимӣ аст. Дар аксар дастуру воситаҳои таълимӣ махсусиятҳои илмӣ низ ба назар мерасанд, ки

гувоҳи тавъам будани фаъолияти илмиву таълимии муҳаққиқ аст. Муаллифи диссертатсия муҳимтарини онҳоро аз рӯйи тақсимбандии шартӣ чунин тасниф кардааст: асарҳои илмӣ, асарҳои илмиву публитсистӣ, дастуру китобҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ.

**Хулосаи диссертатсияи** Сироҷзода Нигина Раҷаб фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи тақризшаванда як қатор камбудиҳо мавҷуданд:

1. Яке аз нуқсонҳои асосӣ ин набудани таҳлили амиқи манбаъшиносӣ мебошад. Муаллиф ба таври кофӣ ба омӯзиши маҷмуи пурраи асарҳои Асадулло Саъдуллоев, инчунин, адабиёти илмӣ ва танқидӣ дар бораи фаъолияти ӯ аҳаммият надодааст. Ин бар он боис гардидааст, ки дар кор баъзе ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти Саъдуллоев мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд.
2. Дар диссертатсия, инчунин камбудиҳо дар методологияи тадқиқот ба назар мерасанд. Муаллиф усулҳои муосири таҳлили публитсистиро истифода накардааст ва таҳлили ӯ бештар тавсифӣ аст, на таҳлилӣ. Ин боиси он гардидааст, ки хулосаҳои пешниҳодшуда ба қадри кофӣ асоснок нестанд.
3. Ҳарчанд бобҳои кори диссертатсионӣ хуб натиҷагирӣ шудаанд, аммо дар хулосаи умумӣ на ҳамаи нуктаҳо пурра роҳ ёфтаанд.
4. Диссертатсия аз нигоҳи забон ва услуб хуб бошад ҳам, баъзе ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳангоми нашри монография зарур аст ( саҳ 57, 80, 86, 98, 123).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи **Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик»** ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Муллоев Ш. Б.**

«25» августи соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Зафар, бинои 229, ҳуҷраи 24

Тел.: (+992) 93-500-57-50.

E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Имзои **Муллоев Шариф Боқиевичро** тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии “Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон” **Раҳимов А. А.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.

Телефон: (+992) 37-221-35-50.

E-mail: rtsu.tj